«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори ДМТ, профессор
Насриддинзода Э.С.
________________
«12» 04 2024с.

# ХУЛОСАИ
## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Кори диссертатсионии Абдухалилзода Кароматулло Абдухалил дар мавзуи «Ислом ва арзишҳои дунявӣ», ки барои дарёфти доктори илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.14 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ пешниҳод гардидааст, дар Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Мушовири илмии кори диссертатсионӣ доктори илмҳои фалсафа, профессор, узви вобастаи АМИТ, директори Маркази антропологияи Раёсати АМИТ М. Музаффарӣ мебошад.

Муаллифи диссертатсия муовини директори Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои илмии Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (протоколи №6, аз 14.06 2015 с) тасдиқ шудааст.

Ислом аз ҷумлаи динҳои ҷаҳониест, ки то ба имрӯз дар байни пайравони худ аз таъсиру нуфузи зиёде бархӯрдор аст. Новобаста аз таъсир ва нақши назарраси идеологияи зиддидинии 70-солаи даврони шуравӣ, пешрафти босуръати илму техника дар гӯшаҳои мухталифи ҷомеаи имрӯза ва нерӯ гирифтани равандҳои дунявишавӣ дар аксари мамолики ҷаҳон ва ҳатто дар иддае аз кишварҳои мусулмоннишин ҳанӯз ҳам дини ислом дар аксари кишварҳои мазкур, ба хусус дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мутаассифона, дар шакли асримиёнагии худ ибодат шуда, маншаи тавлиди мушкилоти мухталифи сиёсӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангӣ

гардидааст. Мушкилоти номбаршуда яке аз сабабҳои асосии мубрамияти мавзуи интихобгардида мебошад.

Гузашта аз ин, муҳити озоди динӣ, имкониятҳои васеъ ва бемаҳдуди иттилоотӣ дар фазои маҷозӣ ва аз ҳама асосӣ хусусияти тавсеаёбию интишоргардии дини ислом, ки баъд аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ сатҳи ниҳоят баланд ва ғайричашмдоштро соҳиб гардид, муҷиби на танҳо дингароии мутаассибона, балки поягузори афкору аъмоли ифротӣ низ гардиданд. Ҳамчун оқибати омилҳои ғайричашмдошти номбаршуда тамаҷҷуҳи ҷавонон ба гурӯҳҳу ҳаракатҳои ифротӣ афзуда, боиси нигаронии зиёд шудааст. Дар пасманзари ҳаводиси рухдодаистода таҳқиқи мавзуи «Ислом ва арзишҳои дунявӣ» хелу мубрам маҳсуб ёфта, муносибати илмӣ ва дурандешонаро тақозо менамояд. Дар ин самт равшан сохтани муносибати ислом ба арзишҳои дунявӣ, ки унсури марказӣ ва муайянкунандаи низоми дунявӣ ва принсипи дунявият маҳсуб мебошад, имкон медиҳад, ки ба раванди интишори дингароии мутаассибона ва хурофотӣ монеа эҷод намояд.

Ҳамзамон бояд тазаккур дод, ки ҳама гуна пешрафту рушд ва дигаргуниҳо дар ҷомеаи башарӣ ҳамагӣ маҳсули дунявият, низоми дунявӣ ва нақши муайянкунандаи арзишҳои дунявӣ дар ҳаёти инфиродию ҷамъиятии одамон мебошад. Зеро маҳз арзишҳои дунявӣ омили асосии таҳрики аҳли ҷомеа ба сӯи зинаҳои минбаъдаи рушд, даст ёфтан ба ҳадафҳои олӣ, таъмини зиндагии беҳтар ва амсоли инҳо мебошад. Новобаста ба назаррас будану нақши ҳалкунандаро бозидани арзишҳои дунявӣ дар пешрафти ҷомеа то ба имрӯз назарияпардозони зиёди диниро ҳам дар кишвар ва ҳам берун аз он мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар ҳимояи арзишҳои динии исримиёнагӣ пофишории бесобиқа нишон дода, бар муқобили дунявият ва низоми дунявӣ ҷанг эълон менамоянд. Онҳо дар ин раванди муборизаҳои бемантиқ ва кӯр-кӯронаи худ аз мавқеи исломи бунёдгаро ва ифротӣ ҳарф зада, мақом ва нақши арзишҳои дунявиро дар китобҳои муқаддаси худ, махсусан дар таърихи ислом нодида мегиранд. Аз ин нуқтаи назар низ таҳқиқи мавзуи «Ислом ва

арзишҳои дунявӣ» мубрам буда, нигоҳ ва муносибати навро ба дини ислом тақозо менамояд.

Унсури дигаре, ки мубрамияти мавзуи интихобшударо хеле равшан ба маъраз мегузорад, пойбандии шадид, муттасил ва ғайримукаррарии худи таблиғгарони дини ислом ба арзишҳои дунявӣ мебошад. Вокеан ҳам хеле тааҷҷубовар аст, ки худи парчамбардорони дин зоҳиран дингаро буда, моҳиятан тарзи зиндагии дунявиро пеша мекунанду лек ба тарики васеъ аз арзишҳои динии асримиёнагии аҳамияти амалии худро гумнамуда дифоъ менамоянд. Муайян намудани ҷойгоҳи арзишҳои дунявӣ дар ислом ва нишон додани муносибати ислом ба онҳо чунин духӯрагиро дар рафтору кирдори пешвоёни дини ислом ифшо сохта, парда аз бисёре аз сохтакориҳо ба канор мегузорад.

Аҳаммияти бузурги назариявии диссертатсия ҳамчунин дар таҳқики раванди дунявигароӣ дар иддае аз кишварҳои исломӣ низ ифода меёбад. Омӯзиши равандҳои мушаххаси сиёсӣ-иҷтимоӣ ва таърихӣ муҷиби он гардидаанд, ки қафомонии иддае аз кишварҳои исломӣ ҳамчун махсули ҳукмронии дурудароз ва пайвастаи арзишҳои исломии асримиёнагӣ арзёбӣ гарданд. Дар ин раванд дар кишварҳои номбурда сурат гирифтани ғарбгароӣ ҳамчун шакли ифодаи дунявигароӣ далели шайъи ва амалии ногузирӣ ва аҳамияти авваллиндараҷаи арзишҳои дунявӣ дар ҷомеа мебошанд.

Муайянкунанда сохтани ҷойгоҳ ва нақши арзишҳои дунявӣ барои ҷомеаи мо низ дорои аҳамияти бузург мебошад. Дар шароите, ки дар ҷомеа имрӯз раванди дингароӣ нерӯи тоза касб намудааст, омӯзиш ва таҳқиқи мавзуъҳои номбурда аз он ҷиҳат муҳим мебошанд, ки вай метавонад, аз як тараф, оқибатҳои манфии чунин равандро нишон диҳад, аз тарафи дигар, бо таваҷҷуҳи хос ба арзишҳои дунявӣ самти дуруст ва манфиатовари рушди ҷомеаро барои наслҳои оянда муайян намояд.

Нокифоя омӯхта шудани мавзуи мазкур аз тарафи муҳаққиқони кишвар мубрамияти мавзуи мазкурро дучанд мегардонад. Агарчанде баъзе муҳаққиқон ба ҷанбаҳои алоҳидаи он таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд,

аммо он дар шакли предмети мушаххаси таҳқиқот мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст.

Муаллиф вазифаҳои таҳқиқоти худро комилан дуруст муайян намудааст, ки аз нуктаҳои зерин иборат мебошанд:

- омӯзиш ва ошкор сохтани заминаҳои иҷтимоии пайдоиши дини ислом;

- муайян намудани авлавияти арзишҳои дунявӣ дар фаъолияти паёмбари ислом;

- муайян намудани арзишҳои дунявии аввалиндараҷа дар давраи ҳукмронии халифаҳои аввали ислом;

- равшан намудани ҷойгоҳи ҳокимият ба сифати арзиши муҳими дунявӣ дар исломи ибтидоӣ;

- нишон додани ҷойгоҳи сарват ва сарватҷӯӣ дар пирӯзӣ ва густариши ислом;

- омӯзиш ва таҳлили инъикоси арзишҳои дунявӣ дар Қуръон ҳамчун сарчашмаи асосии таълимоти ислом ва тафсири муқоисавии онҳо аз ҷониби муфассирони гуногун;

- ошкор намудани ҷанбаи таҳаммулпазирии таълимоти исломӣ ҳамчун хусусияти фарқкунандаи дунявият;

- таҳлил ва муайян намудани ҷараёнҳои дунявигароӣ дар манотиқи мухталифи олами ислом дар натиҷаи таъсири давлатҳои пешрафта;

- муайян намудани вижагиҳои модернсозӣ ҳамчун кушиши мутобиқ намудани таълимоти ислом ба шароити нави иҷтимоию фарҳангӣ.

Таҳқиқ ва коркарди масъалаҳои аз тарафи муаллиф ба миёнгузошта мундариҷаи навгониҳои илмии кори диссертатсиониро ташкил менамоянд, ки иборатанд аз:

- равишҳои методологӣ оид ба омӯзиш ва рӯшансозии моҳияти мафҳуми дунявият ва таҳаввули он, инчунин робитаҳои мантиқии дунявият ва арзишҳои дунявӣ асоснок карда шуда, дар ин замина мавҷудияти онҳо дар ҳама гуна ҷомеа, новобаста аз сатҳи рушд ва мансубияти динии он нишон дода шудааст;

- таҳлили муқоисавии таносуби арзишҳои дунявӣ ва динӣ ва ҷойгоҳи афзалиятноки арзишҳои дунявӣ вобаста ба рушди иҷтимоию иқтисодии ҷомеа амалӣ гардидааст;

- шакли зуҳури принсипҳои дунявӣ дар дигар динҳо, аз ҷумла дар сатҳи давлатӣ дар сиёсати Куруши Кабир дар нисбати дини яҳудӣ, ҷойгоҳи арзишҳои дунявӣ дар мавъизаҳои паёмбарони яҳудӣ, инчунин дар асарҳои илмии мутафаккири масеҳӣ Марсили Падуяӣ равшан карда шудааст;

- авлавияти арзишҳои дунявӣ дар фаъолияти ҷамъиятию сиёсии Паёмбари ислом дар асоси маводи мушаххас ва муътамади таърихӣ нишон дода шудааст;

- таҳлили мундариҷавии паймонҳои сиёсии Паёмбари ислом, ки аслан хусусияти дунявӣ доштаанд ва нақши онҳо дар пирӯзӣ ва густариши минбаъдаи дини ислом анҷом гирифтааст;

- нақши ҳокимият ҳамчун арзиши дунявӣ дар тақсими дини ислом ба равияҳои мухталиф ва сар задани ҷангҳои хунин, ҳатто байни асҳоби паёмбар, нишон дода шудааст;

-сарват ва сарватҷӯйӣ ҳамчун ангезаи таҳрикдиҳанда барои пирӯзӣ ва густариши ислом мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифтааст;

- кӯшишҳои ғарбисозии давлатҳои исломии араб аз ҷонибиислоҳталабон ва модернистҳо ҳамчун талошҳои нақшавии онҳо барои ҷорӣ кардани ҳар чӣ бештари арзишҳои дунявӣ ба ҷои арзишҳои динӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст;

- нақши маорифпарварони эронӣ дар ҷорӣ намудани маорифи аврупоӣ ба унвони як арзиши дунявӣ ба хотири рафъи қафомонии ҳамаҷонибаи давлати Эрон равшан карда шудааст;

- нақши ислоҳотгарони мусулмони Ҳиндустон дар мутобиқ кардани таълимоти исломӣ ба воқеиятҳои нави иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва сиёсии ҷомеа ошкор гардонида шудааст;

- тамоюлҳои модернгароӣ ҳамчун натиҷаи мавқеи бартаридоштаи арзишҳои дунявӣ дар ҳаёти мардум ҳам дар таълимоти донишмандон-

фақеҳони маъруфи исломӣ ва ҳам дар тафсири оятҳои Қуръон аз ҷониби муфассирони бонуфузи замони мо нишон дода шудаанд:

- муайян намудани нақши Пешвои миллат дар таъмини ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- равшан намудани асосҳои ҳуқуқии ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ дар ҷомеаи имрӯзаи тоҷик;

- вижагиҳои хоси ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ дар ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон нишон дода шудааст.

Дар робита ба вазифаҳои таҳқиқот нуктаҳои зерин барои дифоъ пешниҳод карда мешавад:

1. Таҳлилу мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки бисёр вақт дар зери мафҳуми дунявият ҷудоии дин аз давлат фаҳмида мешавад. Чунин фаҳмиш бештар хоси исломгароёни ҷомеа аст. Бар асоси ин фаҳмиш онҳо дунявиятро хоси фарҳанги ғарбӣ ҳисобида, онро ба фарҳанги исломӣ бегона медонанд. Аммо дар асл ин тавр нест. Дар доираҳои илмӣ дунявият ҳамчун тарзи зиндагие фаҳмида мешавад, ки дар он ба хушбахтии заминии инсон бар ивази хушбахтии "ондунёӣ" бартарӣ дода мешавад.

Бояд таъкид кард, ки дунявият ва арзишҳои дунявӣ аз ҷиҳати мазмун бо ҳам наздиканд, вале ҳар ду яксон нестанд. Дунявият асли давлатдориест, ки тибқи он дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ба арзишҳои заминӣ, дунявии инсон афзалият дода мешавад. Арзишҳои дунявӣ бошад, дар навбати худ он чизе мебошад, ки барои инсон дар ин зиндагӣ муҳиманд. Ҳамин тариқ, арзишҳои дунявӣ ба сифати омили асосӣ, зарурӣ ва ногузири таъмини дунявият дар ҷомеа баромад мекунанд.

2. Дунявият ҳамчун мафҳум пайваста дар ҳолати таҳаввул қарор дорад. Агар шакли англисии он secularity дар Юнони қадим бар зидди Иклирус (қишри болоии ҷомеа) истифода шуда, оммаро ифода мекард, пас дар Аврупои асримиёнагӣ вай маънои аз давлат ҷудо кардани динро ифода менамояд. Дар давраи Эҳё он масъалаҳоеро фаро мегирад, ки

ифодакунандаи манфиати омма мебошанд. Имрӯз бошад, дунявият дар баъзе кишварҳо ҳатто маънои ҳифзи динро низ ифода менамояд. Аммо дар фазои пасошӯравии мо асли дунявият маънои ба арзишҳои дунявӣ бартарӣ доданро ифода мекунад.

3. Дунявият аслан як падидаи иҷтимоист. Ба он маъно иҷтимоӣ аст, ки принсипҳо ва меъёрҳои онро одамон эҷод мекунанд. Муаррихон дар бораи мавҷудияти давлати дунявӣ ҳатто дар Шумери қадим - дар асри 46 пеш аз милод ҳарф мезананд. Дар мавриди ислом бошад, ҳамин нуктаро бояд таъкид намуд, ки ҳатто ҳукмронии халифаҳои аввалро муҳаққиқон комилан теократӣ намешуморанд. Аз ин бармеояд, ки ҳатто ҳеч як давлати теократӣ ҳам дар идораи давлат ва ҳам дар таъмини ҳаёти ҷамъиятӣ бидуни арзишҳои дунявӣ фаъолият карда наметавонад.

4. Дар динҳои тоисломии тавҳидии масеҳӣ ва яҳудӣ арзишҳои дунявӣ нақши бузург доштанд. Қариб ҳамаи пайғамбарони Яҳудои қадим танҳо дар бораи манфиатҳои заминии халқи яҳуд сухан мегуфтанд. Дар мавриди масеҳият бошад, ҳарчанд дар таълимоти он унсури рӯҳонӣ бештар вуҷуд дорад, аммо тақсимоти дин дар зери таъсири омилҳои заминӣ ва дунявӣ сурат гирифтааст. Илова бар ин, анъанаи индулгенсия ҷойгоҳи афзалиятноки арзиши дунявиро нисбат ба арзиши динӣ ба маъраз мегузорад.

5. Маҳз арзишҳои дунявӣ омили асосии пирӯзии мусалмонон бар бутпарастон гардидаанд. Ҳақиқати ин фишурда бо назарияи аз ҷиҳати илмӣ собитшуда дар бораи эътирофи дин ҳамчун як падидаи иҷтимоӣ асоснок мегардад. Бо инобат гирифтани манфиатҳои заминии мардум барои ривоҷ ва густариши минбаъдаи дини ислом имкон фароҳам овард. Ҳоҷиёни Мадина, ки барои адои ҳаҷ ба Макка омада буданд, барои пешгирии ҷангҳои доимии байниқабилавӣ ба Муҳаммад ва таълимоти ӯ ниёз доштанд.

6. Паёмбар ҳарчанд аз номи Аллоҳ сухан мегуфт, аммо ӯ нақши арзишҳои дунявиро дар пирӯзии дини ислом хеле хуб медонист. Зимни

бастани сулҳи Ҳудайбия ӯ ҳатто арзишҳои диниро ба хотири арзиши дунявӣ қурбон кард. Вақте намояндаи мушрикони Макка Суҳайл зимни бастани сулҳ талаб мекунад, ки вожаҳои «Раҳмони раҳим» аз «Бисми-л-лоҳи –р –раҳмони-р-раҳим» - и ҳуҷҷати паймона ва ҳамчунин вожаи «расул» аз ибораи «Расулуллоҳ» гирифта шавад, вай бидуни дудилагӣ ба он розӣ мешавад. Зеро Муҳаммад ба ин сулҳ арзиши баланд қоил буд. Вай метавонист онро барои боз ҳам мустаҳкамтар намудани мавқеи мусулмонон истифода барад. Дар бораи дарки нақши омили дунявӣ аз ҷониби Муҳаммад зикри чунин ривояте кофист, ки дар як набард ӯ боре гуфта буд: «О, Аллох, агар ин лашкар мағлуб шавад, дигар туро касе парастиш наменамояд».

7. Фавти паёмбар ва масъалаи интихоби вориси раҳбари ҷамоаи мусалмонон нақши омили дунявиро дар ҳаёти динии асҳоби Муҳаммад хеле равшан нишон дод.Мадиниён боварӣ доштанд, ки азбаски Муҳаммадро дар лаҳзаҳои душвор пуштибонӣ кардаанд, онҳо ҳақи ишғоли тахтро доранд, хешовандони Муҳаммад низ бо истинод ба робитаҳои хешутаборӣ барои ин мансаб умед мебастанд, аммо қурайшиҳо, ки худро қабилаи асосӣ ва калонтарини Макка медонистанд, онҳо низ мансаби раҳбарии ҷамоаро даъво мекарданд. Ҳамин тариқ, ҳангоми интихоби раҳбари нави ҷамоа на омили динӣ, балки омили дунявӣ нақши асосиро бозидааст. Маҳз омили дунявӣ омили асосии тақсими ислом ба равияҳои ба ҳам зидди шиа ва суннӣ гардид.

8. Сарват ҳамеша дар ҳаёти инсоният мавқеи муҳим дошт. Он мақоми иҷтимоии шахсро муайян мекунад. Ҳамчун арзиши муҳим ва зарурии дунявӣ дар пирӯзӣ ва густариши ислом низ нақши муҳим бозидааст. Аввалин ҳуҷумҳои муҳоҷирон дар Мадина ба муқобили мушрикони Макка, ки аз тиҷорати Шом бармегаштанд, ба хотири сарват сурат гирифтааст. Ҳатто паёмбар барои ҷалби мардум ба дин аз ин омил истифода кардааст. Баъд аз ҷанг дар Тоиф ӯ ба Абусуфён ва писаронаш новобаста ба эътирози мардуми дар ҷанг иштирокдоштаи Мадина барои

гарм кардани дили онҳо ба дини ислом тухфаҳои зиёде медиҳад. Барои ҳавасмандӣ барои ба даст овардани сарват оятҳои 15-22 аз сураи «Фатх» низ гувоҳӣ медиҳанд.

9. Қафомонии ҳаматарафаи ҷомеаи араб тарғиби ғарбикунонии ҷомеа ҳамчун роҳи наҷот аз ақибмонӣ ба миён овард. Бархе аз мутафаккирони араб ба сабаби қафомонии ҷомеаи худ онро ба андозае бад медидагӣ шуданд, ки аз мансубияти худ ба ин ҷомеа пурра даст кашида буданд. Онҳо ғарбикунонии ҷомеаро ягона роҳи дурусти раҳоӣ аз ҷаҳолат медонистанд. Ҳамин тариқ, кӯшиши ғарбисозии ҷомеа дар фаъолияти илмӣ-сиёсии онҳо худ маънои дунявикунонии ҷомеаро ифода мекард.

10. Кӯшишу талоши гирифтани таҳсилоти аврупоӣ худ кӯшишу талош баҳри дунявӣ кардани ҷомеа ва эътирофи мавқеи афзалиятноки арзишҳои дунявӣ ҳисобида мешавад. Раванди мазкур дар нимаи дуюми асри XIX қариб дар тамоми кишварҳои мусалмонӣ мушоҳида мешуд. Ҷои шубҳае нест, ки гирифтани маълумоти аврупоӣ худ маънои гирифтан ва рушд бахшидани иттилооти илмии дорои хусусияти дунявиро ифода менамояд.

11. Модернсозии таълимоти динӣ моҳиятан худ дунявисозӣ аст, яъне мутобиқ кардани таълимоти динӣ ба воқеиятҳои нави иҷтимоию фарҳангӣ ва сиёсии инсон мебошад. Эҳсоси қафомондагӣ ва номутобиқии таълимоти динии кӯҳна донишмандони динро водор намуд, ки мазмуни онҳоро бо назардошти манфиатҳои дунявии инсон аз нав дида бароянд. Ҳарчанд ин раванд кӯшиши наҷоти таълимоти кӯҳна аз нобудшавӣ аст, аммо дар ҳар сурат вай маънои коҳиш ёфтани қудсияти таълимоти динӣ ва бо фарогирии тамоми қишрҳои аҳолӣ, аз ҷумла зиндагии ҳатто рӯҳониён тавсеа ёфтани аҳамияти омили дунявиро дар назар дорад.

Ҳамин тариқ, тадриҷан афзудани нақш ва ҷойгоҳи арзишҳои дунявӣ дар ҳаёти инсон бо раванди зина ба зина коҳиш додани ҷой ва нақши арзишҳои динӣ омили асосии заиф гардидани унсури қудсӣ дар ҳаёти

фардӣ ва ҷамъиятии инсон мебошад. На муборизаи иттилоотии якҷониба, балки баланд бардоштани нақши арзишҳои дунявӣ дар ҷомеа воситаи асосии муассир ва маҳсулноки рафъи мероси қафомондаи хурофотии садаҳои гузашта дониста мешавад.

**Асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқотро** равиши диалектикӣ ба ҳодисаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, инчунин истифодаи равиши муқоисавӣ-таърихӣ дар омӯзиш ва таҳқиқи равандҳои маънавию иҷтимоӣ ташкил медиҳанд. Асарҳои диншиносони шуравӣ, пасошуравӣ, ватанӣ ва хориҷӣ, файласуфон, ҷомеашиносон, этнографҳо, фарҳангшиносон, санъатшиносон, адабиётшиносон оид ба масъалаҳои дин, ки дар китобҳо, монографияҳо, мақолаҳои илмӣ, нашрияҳои даврӣ пешниҳод гардидаанд, манбаи муҳими назариявии таҳлили мавзуи мазкур қарор гирифтанд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯи дараҷаи илмӣ.** Ба саҳми шахсии унвонҷӯ муайян намудани навгониҳои илмӣ, нуктаҳои илмии барои дифоъ пешниҳодшаванда, дарёфти ҳадафи дунявӣ дар мубориза барои бунёди дини ислом, муайян намудани ҷойгоҳи иарзишҳои дунявӣ дар сарчашмаҳои исломӣ ва фаъолияти амалии бунёдгузорони дин, мушаххас сохтани омилҳои нерӯ гирифтани дунявигароӣ дар иддае аз кишварҳои мусулмоннишин ва таҳқиқи ҳамоҳангии арзишҳои динӣ ва дунявӣ дар ҳаёти амалии ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистонро дохил намудан мумкин аст.

Мундариҷаи диссертатсия дар мақолаҳои зерини муаллиф, ки дар маҷаллаҳои аз тарафи КОА дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда ба чоп расидаанд, инъикос ёфтаанд:

[1-М] Абдулҳаев К.А. Худтакмилдиҳӣ ҳамчун масъалаи ахлоқи [Матн] / К.А. Абдулҳаев // Авҷи Зуҳал – 2011. – № 2. – С. 64-68.

[2-М] Абдулҳаев К.А. Масъалаи дунявият дар ислом [Матн] / К.А.Абдулҳаев // Ахбори АИ ҶТ, силсилаи фалсафа ва ҳуқуқ – 2013. – № 1-2 – С.77-82.

[3-М] Абдулҳаев К.А. Асосҳои интеллектуалии дунявият дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон [Матн] / К.А.Абдулҳаев // Авҷи Зуҳал. – 2013. – № 2. – С. 58-64.
[4-М] Абдулҳаев К.А. Таҳаввули мундариҷаи мафҳуми дунявият [Матн] / К.А.Абдулҳаев // Авҷи Зуҳал. – 2014. – № 3. – С. 75-81.
[5-М] Абдулҳаев К.А. Зарурат ва мушкилоти таълими динӣ дар Тоҷикистон [Матн] / К. А. Абдулҳаев // Ахбори АИ ҶТ, шуъбаи илмҳои ҷомеашиносӣ, – 2014. – №3. – С.59-66.
[6-М] Абдулҳаев К.А. Ҷойгоҳи дин дар ҷомеаи мутамаддин [Матн] / К.А.Абдулҳаев // Ахбори АИ ҶТ, шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2016. - №4. –С.40-49.
[7-М] Абдулҳаев К.А. Қурбон гардидани арзишҳои миллӣ ва динӣ дар раванди низоъҳои сиёсӣ-идеологии ҷаҳони ислом [Матн] / К.А.Абдулҳаев // Авҷи Зуҳал. – 2016. – № 1. – С. 71-77.
[8-М] Абдулҳаев К.А. Шабоҳати маонӣ дар Авасто ва Қуръон[Матн] /К.А.Абдулҳаев // Ахбори АИ ҶТ, шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2017. – № 3. – С.49-58.
[9-М] Абдулҳаев К.А. Проблемаи носиху мансух дар ислом [Матн] / К.А.Абдулҳаев // Авҷи Зуҳал. – 2018. – № 1. – С. 108-114.
[10-М] Абдулҳаев К.А. Роҳи ҳалли масъалаи носиху мансух дар ислом[Матн] / К.А.Абдулҳаев// Ахбори АИ ҶТ, шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2019. – №1. – С.50-57.
[11-М] Абдулҳаев К.А. Озодандешӣ ва дин[Матн] / К.А. Абдулҳаев // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ. – 2019. – №3. – С.116-119.
[12-М] Абдухалилзода К.А. Ҷанбаҳои дунявӣ дар таълимоти М. Падуянӣ [Матн] К.А.Абдухалилзода // Ахбори АИ ҶТ, шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2021. – №4. – С.7-12.
[13-М] Абдухалилзода К.А. Хусусиятҳои зиддиинсонии андешаҳои динии ифротӣ[Матн] / К.А.Абдухалилзода // Паёми донишгоҳи Миллии Точикистон. – 2021. – №7. – С. 122-128.

[14-М]Абдухалилзода К.А. Ҷанбаҳои таҳаммулпазирӣ дар дини ислом [Матн] / К.А.Абдухалилзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2022. – №12. – С. 169-175.
[15-М] Абдухалилзода К.А. Таносуби арзишҳои дунявӣ ва динӣ[Матн] / К. А. Абдухалилзода// Ахбори АИ ҶТ, шӯъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2022. -№3. – С.71-75.
[16-М] Абдухалилзода К.А.Ҷудонопазирии дунявият ва ислом [Матн] / К.А.Абдухалилзода //Ахбори АИ ҶТ, шӯъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. 2022. – № 4. – С.7-13.
[17-М] Абдухалилзода К.А. Ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон [Матн] / К.А.Абдухалилзода //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2023. – № 11, қисми 2. – С. 93-101.
[18-М] Абдухалилзода К.А. Тағйирёбии мундариҷаи мафҳумҳои "дин" ва "диндор" дар зери таъсири равандҳои дунявӣ [Матн] /К.А.Абдухалилзода // Идоракунии давлатӣ. Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2023. - №4/3 (65). С.335-345.
[19-М] Абдухалилзода К.А. Ғарбгароӣ ҳамчун зуҳури дунявигароӣ (дар мисоли олами араб) [Матн] / К.А.Абдухалилзода //Паёми Донишгоҳи Хоруғ. – 2024. №1. (29). – С. 57-64.

Номи мавзуъ, сохтор ва таркиби диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 09.00.14 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ мувофиқ мебошад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Абдухалилзода К.А. дар мавзуи «Ислом ва арзишҳои дунявӣ», ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.14 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ пурра мувофиқат менамояд. Диссертатсияи мазкур аз рӯйи сохтори худ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсияи Абдухалилзода Кароматулло Абдухалил дар мавзуи «Ислом ва арзишҳои дунявӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори

илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.14 – Диншиносӣ ва фалсафаи дин кори мустақилона ва анҷомёфта буда, барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029 тавсия карда мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи диншиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул шудааст. Дар ҷаласа 12 нафар, аз ҷумла 5 доктороні илм аз рӯйи ихтисоси баррасишаванда иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: "тарафдор" – 12 нафар, "зид" – нест, "бетараф" – нест. Суратҷаласаи № 4 аз 17 апрели соли 2024.

**Мудири кафедраи диншиносии**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**номзади илмҳои фалсафа, дотсент** **Нурулҳақ Қамар**

**Котиб, номзади**
**илмҳои фалсафа, дотсент** **Қаландарзода Мустафо**

**Имзои Нурулҳақ Қамарро**
**тасдиқ менамоям:**
**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУСИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ

22.04.2024